## *ТАҚРИЗ*

***ба автореферати диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи “Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”) ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ)***

Премчанд дар таърихи адабиёти ҳиндӣ дар асри XX ҳамчун намоёнтарин ҳикоянавис ва романнавис шуҳрат пайдо кардааст. Асарҳои ин адиби номвар ба бисёр забонҳои дунё тарҷума ва чоп шудаанд. Дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ҳикояву романҳои Премчанд ба ҳамаи забонҳои ҷумҳуриҳои ҷудогона тарҷума ва ба табъ расида буданд. Дар Ҳиндустон ва хориҷи он роҷеъ ба Премчанд мақолаву рисолаҳо навиштаанд. Ҳиндшиносони рус, аз ҷумла В.И. Балин ва Н.Д. Гаврюшина бахшида ба баъзе паҳлуҳои эҷодиёти ин нобиғаи адаб рисолаҳои номзадӣ навиштаанд. Лекин то имрӯз на дар Ҳиндустон ва на дар хориҷи он ягон муҳаққиқ рисолаи ҷудогонае бахшида ба образи зан дар романҳои Премчанд нанавиштааст.

Ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон хеле ҷавон аст. Дар ҷумҳурии мо гарчанде олимони адабиётшинос аслан аз нимаи дуюми асри XX шуруъ карда, ба омӯзиши адабиёти форсизабони Ҳиндустон даст зада бошанд ҳам, омӯзиши адабиёти ҳиндӣ ва урду нисбатан дертар оғоз ёфтааст. Ин ҳам аз ҳамон вақте ки дар Институти шарқшиҳаосии Академияи илмҳои Тоҷикистон кушода шудани сектори Ҳинду Покистон (1967) ва дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кушода шудани кафедраи филологияи Ҳинд (1984) муяссар гардид. Ёрова Сабоҳат Нуровна аз ҷумлаи он муҳаққиқони ҷавони тоҷик мебошад, ки роҷеъ ба адабиёти навини ҳиндӣ рисолаи номзадиро дар мавзуи **“Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)”** омодаи дифоъ намудааст.

Дар муқаддимаи фишурда ҳадафи рисолаи тадқиқотӣ боварибахш баён шудааст. Муаллиф асарҳои таҳқиқотии муҳаққиқони ҳиндустонӣ ва русро бодиққат хуб омӯхта, дар навиштани рисолааш назари онҳоро ба инобат гирифтааст. Асарҳои тадқиқотии олимони Ҳинд ва сарчашмаҳои таҳқиқ ҳама ба забони ҳиндӣ мебошанд, ки ин ба қимати кор афзалият мебахшад.

Диссертант Премчандро ҳамчун маъруфтарин ҳикоянавис ва романнавис муаррифӣ карда, оид ба ду романи ӯ кори тадқиқотӣ бурдааст, ки яке - **“Нирмала”** мебошад, ки пурра ба мавзуи тақдири Нирмала ном зани ҳинду бахшида шудааст. Романи дуюм - **“Камомад”** бошад, аслан ба масъалаи камомад бахшида шудааст ва яке аз қаҳрамони марказии он зан мебошад. Маҳз образи ҳамин зан, ки Ҷалпа ном дорад, диққати муҳаққиқро ба худ ҷалб кардааст. Образи зан дар асарҳои Премчанд мақоми хос дорад. Қаҳрамонҳои марказии садҳо ҳикояҳои ин адиби инсондӯст занҳо мебошанд, вале маҳз дар романҳои “Нирмала” ва “Камомад” симои зани ҳинду хеле барҷаста ба қалам дода шудааст.

Довталаб барои нишон додани ҳунари романнависӣ ва образофарии Премчанд, аслан ду боби рисола, аз ҷумла бобҳои сеюм ва чорумро ҷудо кардааст. Дар ду боби аввал, ки яке “**Дараҷаи омӯзиши ҳаёт ва эҷодиёти Премчанд**” ва дигаре **“Премчанд – асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти ҳиндӣ”** унвон гирифтаанд, баробари маълумоти мукаммале дар бораи ҳаёт ва фаъолияти Премчанд додан, ҳамчун пешгуфтори арзишманде барои нишон додани санъати образофарии адиб хеле муфиданд. Боби сеюми рисола **“Образи Нирмала дар романи “Нирмала”** бо зерфасли **“Анъанаи романнависӣ дар замони Премчанд”** оғоз ёфтааст, ки аз назари мо бисёр ба

маврид аст, зеро ба воситаи образи зан нишон додани ҳунари романнависии Премчанд, худ ҳатман инро тақозо мекунад.

Муаллифи рисола ин бобро хуб ҷамъбаст намудааст. Нишон додани он, ки чи тавр як ҷавонзани ҳинду, ки соҳибҷамолу боақл аст, бо таъсири ҳокимии вазъи нодорӣ ва анъанаҳои кӯҳани зиёновар бадбахт ва дар охир гирифтори марг мешавад, ҳадафи асосии боби мазкур мебошад.

Дигар романи Премчанд, аслан бо сабаби фаъолияти яке аз қаҳрамонҳои асосиаш - Ҷалпа хеле машҳур шудааст. Барои ҳамин ҳам интихоби ин роман барои омӯзиш хусусияти тасодуфӣ надорад. Муаллифи рисола образи ду занро аз ду романи машҳури Премчанд гирифта, фаъолияти онҳоро дар бархӯрдҳои зиндагӣ дар ҷомеаи ҳамонвақтаи ҳиндустонӣ нишон додааст ва ба андешаи мо муваффақ ҳам шудааст.

Аз омӯзиши ҳунари образофарии Премчанд диссертант ба хулосае омадааст, ки адиби реалист дар ду роман - **“Нирмала”** ва **“Камомад”** образи занҳоеро ба қалам додааст, ки яке бе мубориза ба тақдир тан дода, ҷавонмарг шудааст ва дигаре бо ҷасуриву қавӣиродагӣ аз мушкилтарин вазъият худ ва шавҳарашро берун кашида тавонистааст, то ин ки ба ҷониби хушнудӣ раҳсипор шавад.

Умуман, хулосаи кор боварибахш ҷамъбаст шудааст. Барои таҷдиди назар ва такмили баъзе нукоти кори таҳқиқӣ, ба андешаи мо, агар образҳои таҳлилшуда бо чунин образҳои ба ҳам монанд дар адабиёти тоҷик муқоиса карда мешуд, боз ҳам ба манфиати кор мегардид. Дар баробари ин, хуб мешуд, ки муаллифи рисола танҳо бо тасвири образи ҳамагӣ ду зан маҳдуд намешуд. Баррасии образи боз ду - се қаҳрамонзани асарҳои Премчанд аз аҳаммият орӣ набуд.

Ҳамин тариқ, автореферати диссертатсияи Ёрова Сабоҳат Нуровна дар мавзуи **“Образи зан дар эҷодиёти Премчанд (дар мисоли романҳои “Нирмала” ва “Камомад”)”** заҳмати чандинсолаи ба анҷомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии Амрико ва Австралия (адабиёти ҳиндӣ) мебошад.

**Муқарриз:**

доктори илмҳои филологӣ,
сарходими шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти ба номи
Рӯдакии АМИТ — Шоҳзамон Раҳмонов

Нишонӣ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
E-mail: rahmonov_shohzamon@gmail.com
Тел: + 992 (37) 227 29 07, 227 1170
“14” декабри соли 2024

Имзои Ш. Раҳмоновро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ — Ҳилола Нарзиқулова

Нишонӣ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21
E-mail: iza. rudaki@gmail.com
Тел: + 992 (37) 227 29 07, 227 1170
“14” декабри соли 2024